# ҚАРО РИ ШУРОИ
# МЕТОДИИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

---

аз «_31_ » _10_ соли 2024 № 06/4 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи «Қоидаҳои баргузории ҷаласаи ҳайати Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди мушовири директори Марказро «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои баргузории ҷаласаи ҳайати Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Қоидаҳои баргузории ҷаласаи ҳайати Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Мудирони шуъбаву бахшҳои Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди масъалаҳоеро, ки дар Шурои ҷаласаи Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, тибқи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монанд.

3.Мушовири директори Марказ-котиби шуро Қоидаҳои мазкурро дастраси мудирони шуъбаву бахшҳои Марказ гардонад.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини директори Марказ Х. Сайдалиев гузошта шавад.

Раиси шуро,
директор Ш. Каримзода

Замима:
ба қарори Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_31_ »_10____ соли 2024, №06/4

Қоидаҳои
баргузории ҷаласаи ҳайати Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1. Муқаррароти умумӣ**

1. Қоидаҳои баргузории ҷаласаи Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоида) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», талаботи банди 80 Низомномаи Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2017, №1/21), таҳия гардида, Қоидаҳои ташкили ҷаласа, омодасозӣ ва пешниҳоди мавод, баррасӣ, қабули қарорҳо, ба расмиятдарорӣ ва дигар талаботи ҷаласаи ҳайати Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд-ҳайати шуро) ба танзим медарорад.

2. Ҳайати Шуро фаъолияташро дар шакли ҷаласа ба роҳ монда, масъалаҳои ба салоҳияти Шурои методии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва дар доираи салоҳияти худ қарор қабул меиамояд.

3. Ҳайати Шурои методӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва қоидаҳои мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

**2. Ташкили фаъолият**

4. Ба ҳайати шуро бо роҳбарии директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини директор, мушовири директор ва мудирони шуъбаву бахшҳои Марказ дохил мешаванд.

5. Аъзои ҳайати шуро бо пешниҳоди директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Дар ҳолати аз вазифаи ишғолнамуда озод гардидани аъзои ҳайати шуро бо супориши Раиси шуро-директори Маркази ҷумҳуриявии

таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби котиби шуро лоиҳаи фармоиши директори Марказ оид ба ворид намудани тағйирот ба ҳайати шуро тибқи Қоидаҳои муқarrаргардида таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

7. Номзад ба котиби ҳайати шуро аз тарафи директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ пешниҳод гардида, дар ҷаласаи ҳайати шуро бо тариқи овоздиҳӣ ннтихоб карда мешавад.

8. Раиси ҳайати шуро - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию метод буда, ҷаласаҳои ҳайати шуроро роҳбарӣ менамояд. Дар вақти муваққатан дар ҷаласа ҳозир набудани директори Марказ ҷаласаро муовини директор ва ё дар ҳолати набудани ҳар ду мушовири директор пеш мебарад ва ҳуқуқи барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ҷаласаро доро мебошад.

9. Ҷаласаҳои ҳайати шуро дар ҳолати кушода ва дар ҳолати зарурат бо дастури Раиси ҳайати шуро пӯшида гузаронида мешаванд.

10. Ҷаласаҳои ҳайати шуро дар асоси нақшаи тасдиқгардида моҳе як маротиба ва дар ҳолати зарурат новобаста аз муҳлат гузаронида мешаванд.

11. Бо дастури директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ метавон ҷаласаҳои ғайринавбатӣ ё ҷаласаҳои сайёр гузаронида шавад.

12. Аъзои ҳайати шуро дар ҷаласаҳои ҳайати шуро бе ҳуқуқи иваз кардан иштирок менамояд. Дар ҳолатҳои бо сабабҳои узрнок иштирок накардан дар ҷаласа, аъзои ҳайати шуро ухдадор аст, Раиси шуроро дар ин хусус огох намояд.

13. Фаъолияти аъзои ҳайати шуро дар вақти корӣ ба роҳ монда шуда, барои иштирок дар ҷаласаи ҳайати шуро (ба истиснои ҷаласаҳои сайёр) маблағи иловагӣ пардохт карда намешавад.

14. Дар ҷаласаҳои ҳайати шуро аъзои ҳайати шуро бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок менамоянд. Дигар иштирокчиёни ҷаласа ҳуқуқи овоздиҳиро надошта, метавонанд, дар музокираҳо иштирок намуда, вобаста ба масъулаҳои баррасишаванда эроду таклиф ё маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд.

15. Пеш аз баргузории ҷаласаи ҳайати шуро (5 рӯзи тақвимӣ) масъалаҳо бо ҳайати шуро аз ҷониби шуъба ва ё бахше, ки пешниҳод мегардад, мувофиқа карда мешаванд.

16. Ҳангоми баргузории ҷаласаҳои васеъ кормандони дастгоҳи марказӣ, кабинетҳои методӣ ва намояндагони вазорату идораҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ доранд (дар ҳолати зарурат) даъват карда мешаванд.

17. Қарорҳои ҷаласаи ҳайати шуро бо тарафдории овози на кам аз нисфи аъзои ҳайати шуро қабул ва ҷониби Раиси ҳайати шуро имзо карда мешаванд.

18. Ҳангоми баробар будани овозҳо, овози раиси ҷаласаи ҳайати шуро ҳалкунанда мебошад.

19. Қоидаҳои баргузории ҷаласаи ҳайати шуро вобаста ба муҳиммияти масъалаҳо барои ҳар як ҷаласа бо роҳи овоздиҳии аъзои ҳайати шуро муқаррар карда мешавад.

**3. Тартиби ташкил, омодасозӣ, пешниҳод ва ба расмиятдарории маводи ҷаласаи ҳайати Шуро.**

20. Санаи баргузории ҷаласаи ҳайати шуро ва рӯзномаи ҷаласа бо директори Марказ мувофиқа карда мешавад.

21. Воҳидҳои сохтории Марказ на дертар аз 5 рӯз то санаи баргузории ҷаласаи ҳайати шуро маводи заруриро бо лоиҳаи қарор оид ба масъалаи дахлдор ба мушовири директор (бо гирифтани имзои аъзои ҳайати шуро) пешниҳод мекунанд.

22. Маводи омодашуда, (ҳисобот, маълумот, гузориш, дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ, лоиҳаи қарори ҳайати шуро, рӯйхати шахсони даъватшаванда) баъди мувофиқа ва ризоияти директори Марказ ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ҳайати шуро дохил карда мешаванд.

23. Рӯйхати шахсоне, ки аз ташкилоти идораҳо ба ҷаласаи ҳайати шуро даъват карда мешаванд, ба котиби ҳайати шуро пешниҳод карда мешавад.

24. Маводи дар ҷаласаи ҳайати шуро баррасишаванда бо теъдоди як нусха (қарори ҳайати шуро 3 нусха) нусхабардорӣ карда шуда, на дертар аз 5 рӯз то санаи баргузории ҷаласаи ҳайати шуро аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдор, ки масъаларо омода кардааст, ба котиби ҳайати шуро пешниҳод карда мешавад.

25. Маводи дар ҷаласаи ҳайати шуро муҳокимагардида тибқи пешниҳоди аъзои ҳайати шуро барои такмил ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори ҳайати шуро ба воҳидҳои сохтории дахлдори Марказ, ки масъаларо омода кардаанд, баргардонида мешавад.

26. Норозигӣ, таклифу пешниҳоди аъзои ҳайати шуро оид ба масъалаи баррасишаванда дар шакли хаттӣ баён карда шуда, ба протоколи ҷаласа ҳамроҳ карда мешавад.

27. Воҳидҳои сохтории масъул вазифадоранд масъалаҳоеро, ки аз ҷониби ҳайати шуро бо далелҳои саҳеҳ дар шакли хаттӣ бозпас шудаанд, дар муддати се рӯз такмил дода, барои тасдиқ ба Раиси ҳайати шуро пешниҳод намоянд.

28. Барои сабти ҷараёни кори ҷаласа котиби ҳайати шуро метавонад, дар мувофиқа бо Раиси ҳайати шуро аз воситаҳои аудио ва видеоӣ истифода намояд.

29. Ҷараёни ҷаласаи ҳайати шуро аз тарафи котиби ҳайати шуро бо протокол ба расмият даровarda мешавад.

30. Протокол аз ҷониби Раиси ҳайати шуро ва котиби ҳайати шуро имзо карда мешавад.

31. Котиби ҳайати шуро ба Раиси ҳайати шуро ҳисоботдиҳанда мебошад.

32. Котиби шуро дар муҳлати 5 рӯзи баъди гузаронидани ҳайати шуро протоколи ҷаласаро ба расмият даровarда, онро барои тасдиқ ба Раиси ҳайати шуро пешниҳод менамояд.

33. Дар протоколи ҷаласаи ҳайати шуро баромад ва музокираҳои ҳайати шуро ва иштирокчиён қайд гардида, ба протокол маводҳои баррасигардида, лоиҳаи қарори шуро, ҳисобот, маълумот, гузориш ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ замима карда мешаванд.

34. Қарори ҳайати шуро тибқи қоидаҳои муқарраргардида қабул ва бо фармоиши директори Марказ дар амал татбиқ карда мешавад.

**4. Ташкил ва назорати иҷрои қарори ҳайати Шуро.**

35. Нусхаи қарорҳои ҳайати шуро баъди барасмиятдарорӣ ба мудирони шуъбаву бахшҳои дахлдор, ки масъаларо омода кардаанд, ҷиҳати татбиқи қарори ҷаласаи ҳайати шуро дастрас карда мешаванд.

36. Фармоиш дар бораи татбиқи қарори ҷаласаи ҳайати шуро аз ҷониби масъули кадрҳо рақамгузорӣ карда шуда, нусхаи асл дар шуъбаи кадрҳо ва нусхаи фармоиш дар мушовири директор (котиб) нигохдорӣ карда шуда, нусхаи он барои иҷрои минбаъда ба воҳиди сохтории масъул дастрас карда мешавад.

37. Қарорҳои ҳайати шуро аз ҷониби воҳиди сохтории Марказ татбиқ карда мешавад.

38. Бо супориши Раиси ҳайати шуро воҳидхои сохтории Марказ метавонанд аз мақомоти дахлдор маълумот ва иттилооти заруриро дар бораи рафти иҷрои қарорҳои ҳайати шуро дархост намоянд.

39. Дар мавриди пайдоиши ҳолатҳое, ки иҷрои қарори ҳайати шуроро дар муҳлатҳои муқарраргардида мушкил ва ё ғайриимкон мегардонад, роҳбари воҳиди сохтории дахлдор дар ин бора ба Раиси ҳайати шуро гузориш медиҳад.

40. Воҳидҳои сохтории Марказ, ки барои иҷрои қарори ҳайати шуро масъул мебошанд, аз натиҷаи иҷрои он дар муҳлатҳои муқарраргардида барои аз назорат хориҷ намудан ба директори Марказ гузориш пешниҳод менамоянд.

41. Назорати иҷрои қарорҳои ҷаласаи ҳайати шуро ба зиммаи муовини директори Марказ ва воҳидҳои сохтории дахлдор, ки масъаларо омода кардаанд, гузошта мешавад.

**5. Муқаррароти хотимавӣ**

42. Маводи масъалахои муҳокимашудаи ҷаласаи ҳайати шуро бо тартиб дар ҷувздони алоҳида гузошта мешавад.

43. Қоидаҳои рақамгузории қарорҳои ҳайати шуро, протоколҳо ва маводи муҳокимашуда аз ҷониби котиби шуро ба роҳ монда шуда, баъди ба охир расидани муҳлати нигоҳдорй ба бойгонй супорида мешавад.

44. Бе розигии директори Марказ истифодабарии маводи ҷаласаи ҳайати шуро ва нусхабардории он манъ мебошад.